Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

15 июни соли 2002. Шанбе № 45 (12788)
Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.00 имзо гардид.

### Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи минбаъда такмил додани низоми андозситонӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ

Ба мақсади минбаъда содда гардондан ва ба тартиб андохтани низоми андозситонӣ аз шахсони ҳуқуқиву ҷисмоние, ки дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ бо фаъолият шуғл меварзанд, таъмини ба пуррагӣ ворид гардидани андоз ба буҷа:

1. Аз 1 июли соли 2002 барои корхонаҳои хурд ва фирмаҳои хурди соҳаи савдои чакана андози ягона аз рӯи даромад ҷорӣ карда шавад.

Муайян гардад, ки андози ягона ба даромади умумии корхонаҳои хурд ва фирмаҳои хурд дар соҳаи савдои чакана бо назардошти ставкаи базавии андози муайянкардаи Девони Вазирон ба воҳиди майдони умумии истифодашаванда баробари истифода бурдани коэффисиенти саҳеҳгардидаи вобастаи маҳалли воқеи корхонаҳои савдо, намудҳо, шакл ва номгӯи молҳое, ки онҳо мефурӯшанд, муқаррар карда мешавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки аз 1 июли соли 2002 корхонаҳои савдои яклухтфурӯшиву чаканафурӯшӣ (ба ғайр аз корхонаҳои хурд ва фирмаҳои хурд дар соҳаи савдои чакана), хӯроки умумӣ ба ҷои андоз аз рӯи даромади умумӣ, андози амвол, ҳамчунин андози ягона андози ягонаро аз маблағи умумӣ (ҳаҷми муовизаи мол) медиҳанд.

Муайян карда шавад, ки корхонаҳои савдои яклухтфурӯшӣ, ки андози ягонаро аз рӯи маблағи умумӣ (ҳаҷми муовизаи мол) медиҳанд, ҳамчунин андозсупорандагон аз рӯи арзиши иловагӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида мебошанд.

3. Барои корхонаҳои савдои яклухту чаканафурӯшӣ, хӯроки умумӣ тартиби мавҷудаи додани пардохтҳои гумрукӣ, боҷи давлатӣ, маблағ барои ҳуқуқи савдо кардан, аз он ҷумла, маблағи рухсатномавӣ барои ҳуқуқ пайдо кардани шуғл бо савдои намудҳои ҷудогонаи мол, ҳамчунин ҳиссаҷудокунӣ ба бунёдҳои мақсадноки давлатӣ нигоҳ дошта шавад.

4. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар тӯли як моҳ ба Девони Вазирон таклифҳоро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ пешкаш кунад, ки аз Фармони мазкур бармеояд. Зимни он ба назар гирифта шавад, ки тағйиротҳои низоми андозситонӣ ва ставкаи андозе, ки бо индексатсия алоқаманд ҳастанд, ҳамчунин ҷорӣ кардани андози қатъӣ ба даромади шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ аз амалӣ гардондани намудҳои ҷудогонаи фаъолият ҳамчун омиле баррасӣ карда намешавад, ки шароити номусоидро ба фаъолият ба субектҳои тадбиргарӣ, аз он ҷумла соҳибкории хурду миёна фароҳам меоварад.

5. Ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар тӯли даҳ рӯз қарорро аз рӯи иҷрои Фармони мазкур қабул намояд..

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. КАРИМОВ.**
шаҳри Тошканд,
20 маи соли 2002.

### Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди рағбатноксозии рушди корхонаҳои хурди миёнаи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм

Ба мақсади ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои созмон додан ва рушди босуръати тадбиргарии хусусӣ, соҳибкории хурду миёна, ҳамчунин корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм:

1. Аз 1 июли соли 2002 ба ҷумлаи корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм аз нав созмон дода мешаванд ва ба номнавискунии давлатӣ дар мақомоти Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мансубанд, корхонаҳое шомил гардонда шаванд, ки ҳаҷми маблағи умумии оинномавиашон на кам аз муодилаи 75 ҳазор доллари ИМА мебошанду ба дигар шартҳои пешгузошта ҷавобгӯ ҳастанд.

Корхонаҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм бо иштироки сармоягузории хориҷӣ аз нав созмон дода мешаванду ҳаҷми бунёди оинномавиашон аз муодилаи 75 ҳазор доллари ИМА кам ҳастанд, ба ҷумлаи корхонаҳо бо сармоягузории хориҷӣ мансуб нестанд ва ба номнавискунии давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида дар ҳокимиятҳои шаҳру ноҳияҳои маҳалли воқеӣ корхонаҳо мансуб мебошанд.

2. Муайян карда шавад, ки аз 1 июли соли 2002 то 1 январи соли 2005:

корхонаҳои хурд ва фирмаҳои хурди истеҳсолие, ки номнавис гардидаанду дар ҳудуди Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, новобаста аз низоми андозсупорӣ андозро аз рӯи ҳаҷмҳое месупоранд, ки нисбати андози ҷорӣ 50 фоиз кам карда шудаанд;

корхонаҳои миёнаи истеҳсолие, ки номнавис гардидаанду фаъолияти худро дар ҳудуди номбаргардида ба роҳ мондаанд, андозро аз рӯи даромад (фоида) мувофиқи ҳаҷмҳое медиҳанд, ки нисбати андози ҷорӣ 50 фоиз кам мебошанд.

Ба Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки аз 1 июли соли ҷорӣ ба ҳисобу китоби байниҳамдигарии байни Буҷаи ҷумҳурӣ ва буҷаҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм ба муносибати пешкаш гардидани андозҳои имтиёзнок тағйиротҳои дахлдорро дорад.

3. Имтиёзҳое, ки дар бандҳои 1 ва 2 Фармони мазкур нишон дода шудаанд, мутобиқан танҳо ба фирмаҳои хурд, корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, корхонаҳои аз нав созмондиҳанда бо сармояҳои хориҷие дахл доранд, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида номнавис гардидаанду дар ҳудудҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм ҷойгир шуда, фаъолияти худро ба роҳ мондаанд.

4. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар тӯли ду ҳафта ба Девони Вазирон таклифҳои худро оиди даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон пешкаш кунад, ки аз Фармони мазкур бармеояд.

5. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Азимов гузошта шавад.

6. Фармони мазкур дар матбуот эълон карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. КАРИМОВ.**
шаҳри Тошканд,
11 июни соли 2002.

## Сӯҳбати муфид

***Ба қарибӣ бо ташаббуси Комиссияи оид ба муаммоҳои оила ва бонувони Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва бо иштироки Кумитаи муассисоти демократӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон, Кумитаи матбуот ва ахбори Олий Маҷлис дар мавзӯи «Мақоми созмонҳои хайрот дар соли гиромидошти пирон» сӯҳбати мизи мудаввар баргузор гардид.***

Сӯҳбатро раиси Комиссияи оид ба муаммоҳои оила ва бонувони Олий Маҷлиси ҷумҳурият Шарифа Салимова ҳусни оғоз дод. Номбурда зикр намуд, ки дар тӯли беш аз панҷ моҳи соли равон, ки бинобар ташаббуси Президенти кишвар Ислом Каримов «Соли гиромидошти пирон» эълон шудааст, бисёр корҳои хайр оиди иҷрои барномаи бинобар ин ташаббус эълон гардида, ба сомон расиданд.

— Мақсад аз ин гирдиҳамоии мо аз он иборат аст, ки ба ин раванд нерӯи тоза бубахшем, онро боз ҳам муассир ва назаррас намоем,— гуфт Ш. Салимова.— Дар ҳаллу фасли баъзе муаммоҳо оид ба иҷрои нуктаҳои дар барномаи аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ қабулшуда мавҷуданд, созмонҳои ғайридавлатӣ, бахусус бунёдҳои хайрот метавонанд ва бояд саҳм гиранд. Бинобар маълумоти оморӣ ҳоло дар кишвар се ҳазор созмони ғайридавлатӣ ба қайд гирифта шудаанд ва фақат 15 —тои он бунёдҳои хайрот мебошанд. Албатта, ин нишондод хеле кам аст, зикр гардид дар сӯҳбати мизи мудаввар. Бар замми ин кори ин бунёдҳо чандон назаррас ва мувофиқи мақсаду талаботи айём нест.

Раисони кумитаҳои Олий Маҷлис, нависанда Ӯткур Ҳошимов ва ҳуқуқшинос Акмал Саидов аз хусуси баъзе унсурҳо ва ҷиҳатҳои номатлубу норавое, ки дар соли гиромидошти пирон аз ҷониби созмонҳои алоҳида ва расонаҳои ахбори оммавӣ, бахусус телевизион ба назар расидаанд, изҳори андеша карданд. Чунон, ки Ӯткур Ҳошимов зикр сохт, мақомоти мазкур соли гиромидошти пиронро танҳо аз мадҳу санои кӯҳансолону мӯсафедони мо ва корҳои неку ибратбахши онҳо иборат медонанд ва фақат аз ин хусус ҳарф мезананду намоишҳо пахш менамоянд. Бешубҳа дар ин бора гуфтану навиштан ва намоишҳо таҳия намудан хуб аст, балки воҷиб ҳам ҳаст, мо муаммо ва камбудиҳоеро, ки дар ҳаёти пирон ё худ нисбати эҳтироми онон содир мешаванд, набояд аз хотир фаромӯш бикунем, ё худ онҳоро надидаву нашунида бигирем.

— Алҳол,— гуфт ҳуқуқшинос, вакилони халқи Олий Маҷлис Акмал Саидов,— дар кумитаи мо се ҳуҷҷат, саҳеҳтараш се қонун муҳокима ва баррасӣ мегарданд, ки онҳо роҳу равиш ва таъиноти созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва бунёдҳои хайротро муайян хоҳанд кард.— Ман гумон мекунам,— иброз дошт нотиқ,— қабул гардидани ин қонунҳо кору фаъолияти созмон ва бунёдҳои ғайридавлатии моро осон ва мазмуни онҳоро бойтар менамоянд.

Дар сӯҳбат раисони бунёдҳои хайроти «Соғлом авлод», «Маҳалла», «Нуроний»-,»Наврӯз», «Шаҳидлар хотираси», «Ибни Сино»,«Имом ал-Бухорӣ»,»Олтин мерос», ҷамъияти «Ҳилоли Аҳмар» ва «Бизнесфонд» иштирок карданд ва сухан гуфтанд. Аз хусуси саривақтӣ ва хеле бамаврид будани қонунҳои мазкур ибрози андеша намуданд.

Сӯҳбат дар рӯҳи ошкорбаёнӣ ва мубодилаи озодонаи афкор гузашт ва ба ҳозирон таассуроти амиқ гузошт.

**Т.ТУХТАЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



***Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ 12 июн дар қароргоҳи Оқсарой вазири умури хориҷаи Ҷумҳурияти Арманистон Вартан ОСКАНЯНро пазируфт.***

Дар рафти мулоқот сарвари давлатамон дар ин бобат изҳори боварӣ намуд, ки сафари мазкур ба фароҳам овардани имкониятҳои нави рушди ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Арманистон мусоидат мекунад.

Меҳмон ба Ӯзбекистон барои муайян кардани соҳаҳои дурнамову ба ҳам муфиди ҳамкорӣ, омӯзиши имкониятҳои рушди қонунбарорӣ дар ин соҳа омаданашро зикр карда, ба Президент Ислом Каримов барои пазироии гарму ҷӯшон миннатдорӣ изҳор намуд.

Ҳангоми мулоқот масъалаҳои вазъу пешомадҳои муносибатҳои ӯзбекистониву арманистонӣ, пурзӯр гардондани ҳамкории сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, рушди равобит дар соҳаи коммуникатсияҳои нақлиётӣ муҳокима гардиданд.

**(ӮзА).**



## Нашъунамои хуб

Пахтакорони хоҷагии ширкатии ба номи Йулдош Охунбобоеви ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ парвариши майдони ниҳолҳои пахтаро дар пойгоҳи талабҳои агротехникӣ ,ба роҳ мондаанд. Ҳоли ҳозир дар 715 гектар ниҳолҳо хуб нашъунамо ёфта, ба гулбандӣ даромадаанд. Ба саҳро мунтазам поруи маҳаллӣ баровarda, шарбатоб дода мешавад. Аз нуриҳои маъданӣ низ моҳирона истифода мебаранд. Ба хушсифат гузарондани тадбирҳои агротехникӣ диққату эътибор калон аст.

Алалхусус дар саҳроҳои бригадаи Рамазон Чӯрақулов меҳнати зарбдорона ҳукмронӣ мекунад. Ва он бесабаб нест.

Аҳли меҳнати он барои аз ҳар яки 55 гектар бардоштани 60 сентнерӣ «тиллои сафед»- ро ба нақша гирифтаанд ва мувофиқи аҳд ҳосил мерӯёнанд.

**Дар сурат:** сарвари бригада **Рамазон ЧӮРАҚУЛОВ,** раиси хоҷагии ба номи Охунбобоев **Ориф ҚУРБОНОВ** ва сарҳосилоти раёсати кишоварзӣ ва хоҷагии оби ноҳия **Ихтиёр РӮЗИЕВ**.

**Матн ва сурати Собир ЗУФАРОВ. (ӮзА).**

## Илм ва тамаддун

Яке аз самтҳои давлатии илмиву техникии Ӯзбекистон, ки тахти сарпарастии Президент Ислом Каримов таҳия гардидааст, рушди равобити байналхалқие мебошад, ки асосашро фоидаи байниҳамдигарӣ ва босамар истифода бурдани натиҷаҳои ҳамкорӣ дар ҳаллу фасли вазифаҳои аввалиндараҷаи масъулиятноки иқтисодиёт ташкил медиҳад,—зикр намуд маҷлиси семинари байналхалқиро оид ба муаммоҳои илму техникаи минтақаи Осиёи Марказӣ кушода ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ҳамидулло Кароматов, ки дар меҳмонхонаи «Интерконтинентал» ба амал омад. — Мамлакати мо имрӯзҳо соҳиби нерӯи калони интеллектуалие мебошад, ки асоси онро мероси ниёгони бузургамон ташкил медиҳад, ки ба рушди тамаддун саҳми калон гузоштаанд.

Чуноне ки дар маҷлис зикр ёфт, таҷрибаи андӯхта дар бобати ҳамкорӣ босамарии баланди механизми амалӣ гардондани барномаҳои байналхалқии Кумитаи илми НАТО--ро бо иштироки мамлакатҳо—шарикон таъмин сохт. Ва он барои дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳам аҳамияти калон дорад, ки аз вусъати чунин муносибатҳо бо сохторҳои илмиву техникии хориҷӣ манфиатдоранд.

Гузарондани маҷлиси кунунӣ дар Ӯзбекистон ба он вобаста аст, ки имрӯз ҷумҳурият аз рӯи як қатор самтҳои тадқиқотҳои илмиву техникӣ пешсаф аст, гуфт дар суханронии худ ҷонишини Сармуншии НАТО оид ба масъалаҳои илму муҳити атроф Жан Фурнэ.

Директори Маркази оид ба илму технологияҳои назди Кенгаши мутобиқгар оид ба рушду илму техникаи назди Девони Вазирон, академик П.Ҳабибуллоев дар маърӯзаи худ иштирокдоронро бо самтҳои асосии эҷодиёти илму техникаи ҷумҳурият ошно сохт.

Иштирокдорони семинар муаммоҳои рушди илмро дар Осиёи Марказӣ ва роҳҳои дар минтақа амалӣ гардондани барномаҳои НАТО мавриди баррасӣ қарор доданд.

Семинар кори худро дирӯз ба анҷом расонд.

## Ба Аълоҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам, ҷаноби Президент!

Иҷозат фармоед пеш аз ҳама Шуморо бо комёбии калони сафари таърихиатон ба ИМА аз самими қалб муборакбод намоям, ки бешак муносибатҳои байни халқҳоямонро ба дараҷаи нави сифатан баланд бардошт.

Дар рафти сафар баҳои воло нисбати ҷасорати шахсии Шумо ва ҷонибдориатон дар бобати саъю кӯшиши ИМА дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ равшан намоён гардид. На танҳо ҳукумати мамлакати мо, балки одамони оддии Амрико аз Шумо бар он миннатдор ҳастанд, ки дар мавриди зарурат Шумо аввалин шуда ба мо дасти мадад дароз намудед.

Дар суханронии сермазмунатон ҳангоми маросими қабул дар Палатаи тиҷоратии Амрикову Ӯзбекистон Шумо Ширкатҳои Ӯзбекистон ва Амрикоро ба ҳамкории васеъ даъват намудед.

Ман, ки раиси Шӯрои директорони Ассотсиатсияи соҳибкории хурду миёнаи ИМА мебошаму он дар сафҳои худ 65 ҳазор фирмаву ширкатҳоро муттаҳид сохтааст, тайёр будани худро дар бобати рушд бахшидани равобити бевосита бо мамлакататон тасдиқ намоям. Аъзоёни Ассотсиатсияамон қариб 60 фоизи коргоҳро дар иқтисодиёти ИМА таъмин месозад ва бо чунин соҳаҳо, аз қабили сохтмон, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, таҷҳизоти азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ, тибб, азнавкоркарди маҳсулот, саноати сабук, электроника ва ғайра машғул мегарданд.

Имрӯзҳо Амрико бозори аз ҳама калону аз ҳама бонуфуз дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва ҳар як мамлакат мехоҳад дар он мақоми худро пайдо кунад. Мо имкониятҳои калони фирмаҳои Ӯзбекистонро барои ҳаракат кунондани маҳсулоти худ дар ИМА мебинем. Созмон додани истеҳсолоти муштарак байни ширкатҳои на он қадар калони мамлакатҳоямон, ба назари мо, ба босамар азхуд гардидани на танҳо бозорҳои мо, балки мамлакати сеюм ҳам мусоидат мекард.

Мазмуни мактуби ман, ҷаноби Президент аз ҳамин иборат аст, ки равобити корчаллона байни Ассотсиатсияи соҳибкории хурду миёнаи ИМА ва сохторҳои дахлдори мамлакататон барои ҳосил гаштани мақсадҳои умумӣ боз ҳам таҳким бахшида шавад.

Дар тӯли бисёрсолаҳо мо фаъолияти зарурӣро бо шарикони ӯзбекистонӣ ба роҳ мондаем ва тайёр ҳастем ба ихтиёри онҳо имкониятҳои Ассотсиатсияамонро дар сохторҳои молиявӣ, мақомоти федеролӣ ва доираҳои соҳибкории ИМА пешкаш кунем.

Дар партави фикрҳои дар боло номбаргардида мехостам, аз шумо, мӯҳтарам ҷаноби Президент даъфатан пурсам, ки ба ёваронатон супоред, ки имкониятҳо ва роҳҳои амалиёти мутақобилаи амалиамонро бодиққат омӯзанд.

Мо, аз ҷониби худ ба фавран шурӯъ кардан ба саъю кӯшиш оиди ҷонибдории соҳибкории хурду миёнаи Ӯзбекистон тайёр ҳастем.

Ҷаноби Президент!

Ҳамчун президенти Корпоратсияи «Хоффман Интернешнл», ки аллакай беш аз 80 сол дар бозори техникаи бинокорӣ ва роҳсозиву тармими роҳ фаъолият пеш мебарад, ман имкониятҳои калонро барои иштирок дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва дигар лоиҳаҳо дар мамлакататон мебинам.

Аз ҷониби Амрико таклифи пешакӣ оид ба шартҳои бо маблағфарогирии расонда додани техникаи бинокорӣ, ки аз рӯи хулосаҳои корбастон арзиши он то 40 миллион доллари ИМА мебошад, баён шудааст.

Аз он ҷумла, 85 фоизи маблағи қарордод бо ҷонибдории бевоситаи Эксимбанки ИМА (дар шакли қарз ва ё кафолат) ба мӯҳлати 7 сол баробари имтиёзи дусола аз рӯи ҳисобу китоби Либор зам 0,13 фоизи фоидаи солона амалӣ гардонда мешавад;

15 фоиз пардохти бунакӣ метавонад аз ҳисоби вомҳои бонкҳои тиҷоратии хориҷа, ки бо шарти Либор зам ставкаи бонки тиҷоратӣ ба мӯҳлати 3,5 сол пешкаш гардад.

То ҳоли ҳозир дар амалияи бо маблағфарогирии бунакии бонкҳои Амрико мӯҳлати 3,5 сол ба назар намерасад. Аз қоида бори аввал барои лоиҳаи мазкури Ӯзбекистон истисно карда шуд. Баробари ин ҳангоми мулоқот дар Эксимбонк зикр ёфт, ки чунин таклиф ҳанӯз қатъӣ нест ва он муҳокимаи минбаъдаро тақозо дорад.

Мо тайёр ҳастем ин масъаларо муштаракан муҳокима намоем ва ҷузъҳои масъалаҳои дар боло номбаргардидаро аз нав дида бароем ва бо дархости Шумо, агар зарурат пайдо шавад, ба Ӯзбекистон сафар намоем.

Ҷаноби Президент!

Таклифи пешгузошта иқдоми аввалин мебошад ва ман ба дурнамои ҳамкории иқтисодиётҳои миллии мамлакатҳоямон боварии калон дорам.

Боварӣ дорам, ки ҳангоми мулоқоти шахсӣ бо Шумо мақсадҳо ва имкониятҳоямонро муфассал баён мекунам.

Ман мехостам, ҷаноби Президент, ба Шумо ҳурмату эҳтироми калон, самимият ва дархостҳоро оид ба комёбиҳо ба сифати сарвари халқе, ки симои равшани он гардидаед, баён кунам.

**Бо камоли эҳтиром Ҷозеф УОРТТЕРСи шумо, раиси Шӯрои директорони Ассотсиатсияи соҳибкории хурду миёнаи ИМА, президенти Корпоратсияи «Хоффман Интернешнл».**

## Мусобиқаҳои навбатӣ бидуни чемпионҳо

Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯзҳо дар Куриёи Ҷанубӣ ва Ҷопон мусобиқоти 17-уми ҷаҳон аз руи футбол давом карда, дар он 32 тими беҳтарини ҷаҳон байни худ қувва озмуда, зӯртарину беҳтаринро муайян мекунанд. Дар байни иштирокдорони он будани ҳафт тим-чемпионони ҷаҳон низ як далели шодибахш асту бо ҳамин ҷиҳаташ аз мусобиқаҳои пештара, алалхусус ба ҳисоб шонздаҳуми он фарқ мекунад. Зеро дар байни иштирокдорони он собиқ ҳафт қаҳрамони ҷаҳон — тимҳои Фаронса, Уругвай, Аргентина, Олмон, Англия, Бразилия, Итолиё буданд ва ҳангоми муоинаи мусобиқаҳои мазкур ҳаминро дидан мумкин аст, ки тимҳои Фаронса, Уругвай, Аргентина аз гурӯҳҳои худ ҷойҳои охиринро ишғол намуда, бо мусобиқа хайрбод гуфтанд. Боз як далели аҷиб: тими Фаронса се мусобиқаро гузаронда, дар он ҳатто ягон тӯбро ба дарвозаи ҳарифон дароварда натавонист. Тими Аргентина бошад, ба дарвозаи ҳарифон ҳамагӣ ду тӯб даровarda, аз дарвозаи худ ҳам ду тӯб гузаронд. Англия бо Перӯ базӯр якранг бозӣ карда, ба мусобиқаи ҳаштякфиналӣ роҳхат гирифт. Танҳо қаҳрамонони собиқи ҷаҳон—тимҳои Олмон ва Бразилия бе ягон душворӣ ба ҳаштякфинал расида омаданд.

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: сабаби ин нокомиҳо дар чист? Ба қаҳрамонони ҷаҳон чӣ монеъ гардид, ки ин қадар бозии сустро намоиш диҳанд?

Агар ба ин савол ҷавоб ёфтанӣ бошем, онро дар мисоли тими Фаронса таҳлил намоем, мувофиқи мақсад мебуд. Чунки саравал Фаронса қаҳрамони ҷаҳон, баъдан қаҳрамони Аврупо мебошад ва яке аз даъвогари асосӣ барои ғолибӣ баробари тими Аргентина эътироф гардида буд.

Аз рӯи хабарҳои воситаҳои ахбори оммавӣ маълум гардид, ки ба ин ҳолат пеш аз ҳама сармураббии тим—Лемерро айбдор меҳисобанд. «Хатои Лемер ҳеҷ гоҳ бахшида намешавад»,—мегӯянд фаронсавиён ва барои мисол фаъолияти собиқ сармураббии тими Фаронса Филипп Труссеро мисол мегиранд, ки алҳол вазифаи сармураббии тими Ҷопонро дар ӯҳда дорад. Алқисса, тактикаи ҳарифро ба назар нагирифта, ҳаракат кардани сармураббӣ, аз ҳад зиёд ба бозингарон баҳои баланд додан оқибати ин «ашкрезӣ»-и ҳам футболбозон ва ҳам мухлисони сершумор гардид.

Дар бораи тӯбзанони мусобиқоти ҷаҳон ҳарф задани бошем, алҳол бо панҷ тӯб ҳамлагари тими Олмон Мирослав Клозе пешқадам аст. Барои ба вай баробар шудан Раули испонӣ, Петро Павлотаи португалӣ пайваста мекӯшанд ва дар ҳисоби онҳо алҳол сетогӣ тӯб мебошад.

Агар дар бораи рекордҳо ҳарф задани бошем, далели мазкурро бешак қайд кардан лозим меояд. То ҳол дар мусобиқоти ҷаҳон нӯҳ нафар футболбоз аз майдон пеш карда шуд. Дар як мусобиқа ба футболбозон 14 варақаи (карточкаи) зард ва ду варақаи сурхро маҳз довар Антонио Лопес нишон дод, ки ҳини қувваозмоии байни Камерун ва Олмон рух дод. Дар мусобиқаҳои гурӯҳӣ тими Арабистони Саъудӣ аз ҳама бештар—12 тӯбро аз дарвозаи худ гузаронд. Ҳисобҳои 1:1 ва 2:0 дар мусобиқаҳои охирини гурӯҳӣ бештар қайд карда шуданд.

Агар ба рафти мусобиқаҳо то 13 июн назар афканем шоҳид бар он мегардем, ки тимҳои Аврупо ва Африқо хубтар ҳунарнамоӣ мекунанд ва аз ҳамин сабаб бештари онҳо ба мусобиқаҳои ҳаштякфинал роҳхат гирифтаанд.

Аз имрӯз: яъне 15 июн «плей-офф» оғоз ёфта, тими мағлубгардида бо мусобиқоти ҷаҳон хайрбод мегӯяд.

Дирӯз вохӯриҳои охирин дар гурӯҳҳо ба амал омаданд. Тимҳои Португалия ва Куриё, Лаҳистон ва ИМА вохӯрданд. Азбаски натиҷаи он то дер маълум нашуд, аз хабардор кардани он худдорӣ кардем.

Ҳамон рӯз ҳамчунин тимҳои Тунис ва Ҷопон, Белгия ва Россия низ бо ҳам вохӯрданд ва бо ғалабаи ҷопониҳову белгиягиҳо анҷом ёфта, онҳо ба «плей-офф» роҳхат гирифтанд.

Умуман роҳхат гирифтан ба «плей-офф» ба як қатор тимҳо, аз он ҷумла тимҳои Туркия, Парагвай, Итолиё ба душворӣ гузашт. То андозае ба ҳарбу зарби ҳаштякфиналӣ роҳхат гирифтани тимҳои мазкур тимҳо-ҳарифони гурӯҳашон кӯмаки калон расонданд. Масалан, ғалабаи Бразилия бар Косто-Рика имкон дод, ки туркҳо ҳарбу зарбро идома диҳанд. Мексикагиён ва эквадориён барои ба «плей-офф» роҳхат гирифтани Итолиё кӯмаки калон расонданд. Дар ин бобат хизмати эквадориёнро алоҳида қайд кардан лозим меояд. Зеро онҳо тими Хорватияро, ки яке аз даъвогарони ба «плей-офф» буд, бар ҳисоби 1:0 мағлуб сохта, ба итолиён, ки бо тими Мексика базӯр мусовӣ бозӣ кард, имконияти давом додани мусобиқаро фароҳам оварданд. Тимҳои Арабистони Саъудӣ ва Олмон ба ирландагиён, Словенияву испониён ба Парагвай кӯмак расонданд, то ки ҳарифи навбатиашро дар мусобиқаи ҳаштякфиналӣ мунтазир шавад.

2002 FIFA WORLD CUP KOREA JAPAN

Ҳамин тавр, имрӯз, мусобиқаҳои ҳаштякфиналӣ оғоз меёбанд ва дар ин марҳила кӣ мағлуб шавад, бо мусобиқоти ҷаҳон хайрбод гуфтан мегирад. Дар ҳаштякфинал тимҳои Бразилияву Белгия, Туркияву Ҷопон, Испониё ва Ирландия, Олмон ва Парагвай, Дания ва Англия, Шветсия ва Сенегал вомехӯранд. То бевақтии 14 июн ҳарифони Мексикаву Итолиё маълум набуд. Ҳарифони онҳо ғолибони гурӯҳи «Д» мегарданд. Дар ин бобат имкониятҳои Куриёву Португалия калон аст.

Хотиррасон мекунем, ки мусобиқаҳои ҳаштякфиналӣ 14 июн оғоз ёфта, то 18 июн давом мекунанд. Мусобиқаҳои чорякфиналӣ 21 ва 22 июн, нимфиналӣ 25-26 июн ба амал омада, ҳарбу зарб барои ҷои сеюм 29 июн, финал бошад 30 июн шуда мегузаранд ва аввалин қаҳрамони ҷаҳонро дар садаи нав муайян мекунад. Ва ба он алҳол шонздаҳ тим даъвогар буда, дар байни онҳо чор қаҳрамони собиқи ҷаҳон ҳаст.

